**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна дар мавзӯи: «Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат), пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсионии Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна дар мавзӯи: «Такмили механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ эълон гардид. Вобаста ба ҳамин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми соли 2018 қайд намуд, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад.Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад1. Ҳалли ин масъаларо дар тақвият додани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ, бо дарназардошти идоракунии хавфу хатарҳои он дидан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст: аз он ҷумла интихоб ва таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** – муайян намудани асосҳои назариявӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади дар диссертатсия нишондодашуда, ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- муайян намудани асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва таснифоти он дар корхонаҳои саноатӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи оиди идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- таҳқиқи вазъияти муосири сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва арзёбии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ;
- муайян кардани мавқеи идоракунии комплаенс-хавф дар менеҷменти корхонаҳои саноатӣ;
- пешниҳоди роҳҳо ва имкониятҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ
- асосноккунии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ;

**Объекти таҳқиқот** идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ оид ба идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ вилояти Хатлон бо назардошти хусусиятҳои он мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот аз усулҳои илмӣ, ба монанди усули индуксия, оморӣ, таҳлили омилҳо ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи ихтисосҳои 08.00.05.- Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ва иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, муҷтамаъҳо (тибқи соҳаҳо ва самтҳои фаъолият) (саноат) мувофиқат мекунанд:

1.1.16. Арзёбӣ ва суғуртаи тавакалҳои субектҳои хоҷагидорӣ; 1.1.18. Афзорҳо ва методҳои менеҷменти корхонаҳои саноатӣ,соҳаҳо ва муҷтамаъҳо;

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2017-2021-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи “Менеҷменти”-и Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва

тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва

таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Навигариҳои илмии таҳқиқот** асосноккунӣ ва коркарди ҳолатҳои назариявии паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои муайян ва роҳҳои паст намудани идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

**Натиҷаҳои назаррасе**, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, инҳо мебошанд:

1. Муҳтавои хавфу хатар ҳамчун мақсадҳои аниқи ибтидоии дар замон маҳдудшудаи ба тағйироти мақсадноки низоми иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ равонашуда муайян карда шудаанд. Таърифи муаллифии мафҳуми «хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври ва стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии корхонаи саноатӣ мебошад, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст” баррасӣ мегардад.

2. Таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва мавқеи он дар идоракунии корхонаҳои саноатӣ, принсипи асосии идоракунии хавфҳои корхонаи саноатӣ, методҳои арзёбии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ омӯхта шуданд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ идоракунии хавфҳо пешниҳод карда шуд, ки таҷрибаҳои ИМА ва Руссия ҳангоми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ дар вилояти Хатлон истифода бурдан имконпазир мебошад

3. Дар заминаи маълумотҳои омории ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” н. Ёвон ва ҶДММ “Зироатшоҳ” н. Фархорро барои давраи солҳои 2013-2019 таҳлил карда шуд. Таҳлилҳо нишон дод, ки сатҳи хавфу хатар дар ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” н. Ёвон (истеҳсоли семент) соли 2013 ба сифр баробар буда, дар соли 2019 ба 0,007 омада расидааст, ки ба фаъолияти корхонаи мазкрур хатар надорад. Яъне фаъолияти корхона дар ҳолати хуб карор дорад. Аммо дар ҶДММ “Зироатшоҳ” н. Фархор (коркари пахта) вилояти Хатлон ҳолати ташвишоварро мушоҳида намудан мумкин аст. Сатҳи хавфи молиявӣ дар корхонаи мазкур дар соли 2013 ба 0,081 баробар мебошад ва ҳамин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 0,044 баробар гаштааст. Гарчанде, ки сатҳи хавфу хатар нисбат ба соли 2013 0,037 паст гардида бошад ҳам, ҳанӯз ҳолат ташвишовар боқӣ мемонад

4. Асоснок карда шуд, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро ба се гурӯҳ яъне лоиҳаҳои хурд, миёна ва калон ҷудо карда шуд. Дар рафти таҳлил муайян карда шуд, ки татбиқи лоиҳаҳои хурди сармоягузори, дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 аз 200 то 5 млн. сомонӣ дар маҷмуъ 26 ададро ташкил медиҳад. Аз ин теъдод 19 адад бо сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ, 3 адад аз ҳисоби буҷети

ҷумҳуривӣ, 3 адад аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва 1 адади дигар бо қарзҳои бонкӣ татбиқ карда шудаанд. Ба фикри мо, равона намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо мақсадӣ беҳтарнамоии сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок набуда, норасоиро ба миён меорад. Ба ҳамин хотир онҳо бояд аз ҳисоби буҷети мақомоти маҳаллӣ дастгирӣ карда шавад.

5. Дурнамои хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатии ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" ва ҶДММ "Зироатшоҳ", пеш аз ҳама бояд ҳаҷми истеҳсол ва фурӯшро барои корхонаҳои мазкур дар доираи моделҳои таренди хаттӣ ва тренди логарифмӣ буда, эътимоднокии онҳо аз рӯи тавсифҳои омории детерменитсия, апроксиматсия ва Дарбин-Уотсон дурнамосозӣ карда шуд.

6. Принсипҳои идоракунии сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ба сифати сохтани низоми комплаенс-менеҷменти истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Зеро равандҳои дарозмуддати идоракунӣ тарзи асосии амалигардонии комплаенс-менеҷмент истифодаи тартиби иҷозатдиҳӣ бо корбурди аудит/назорати интихобӣ ба сифати усули ёрирасон ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқаррароти асосии илмию амалӣ ва хулосаҳои назариявии хавфу хатар ва хавфҳои сармоягузорӣ назаррас буда, метавон барои такмил додани механизми идоракунӣ ва паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ истифода шавад.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаи маводи таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-амалии кафедраҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Менеҷмент», «Андоз ва андозбандӣ»-и Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи илмию-амалии ҷумҳуриявии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (соли 2017), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (соли 2017), дар конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ «Об барои рушди устувор» соли 2018-2028, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон(майи соли 2018), мавриди баррасӣ қарор ғирифтаанд. Як қатор тавсияҳои амалии муаллиф доир ба методи таҳлил ва паст намудани сатҳи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар фаъолияти бисёр корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон татбиқи худро дар амал пайдо намудаанд. Аз ин хусус маълумотнома дар бораи амалӣ намудани натиҷаҳои илмӣ, ки ба диссертатсия замима гардидааст, гувоҳӣ медиҳад.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4.4 ҷ.ч, аз ҷумла, 5 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна дар мавзӯи: «Такмили механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракуниихоҷагии халқ (саноат) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иктисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон;
- **Сафоев Абдумаҷид Каримович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

Ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Ғаниев Т.Б.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Низомова Т.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Ҷурабоев Ғ.